«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
________________
«31» майи соли 2022.

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло дар мавзуи **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло соли 2005 факултети филологияи тоҷикро бо дипломи «аълочӣ» хатм кардааст. Аз соли 2003 то соли 2005 ба ҳайси мудири кабинети «Махзани адаб»-и факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2005 то соли 2009 ба сифати аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷик ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст. Ҳамзамон, аз соли 2005 ба сифати ассистент, муаллими калон ва баъдан дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти омӯзгорӣ дорад. Аз соли 2009 то моҳи сентябри соли 2011 ба ҳайси ёвар ва мушовири муовини ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба таълим ифои вазифа кардааст. Аз соли 2011 то соли 2013 дар вазифаи мудири шуъбаи тайёрии ДМТ кор карда, аз соли 2013 то ин замон дар вазифаи директори литсейи ДМТ фаъолият дорад.

Ғаффорзода Ш.Ҳ. диссертатсияи номзадияшро дар мавзуи «Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеӣ-эстетикии қасоиди ӯ» 26-уми январи соли 2012 ҳимоя намудааст.

Мушовири илмии довталаби дараҷаи илмӣ доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мисбоҳиддини Нарзиқул** мебошад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Ғаффорзода Ш.Ҳ. дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.01.2018, қарори №5 тасдиқ шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 21 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 18 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда ва ду монография инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Ғаффорзода Шохрух Ҳабибулло дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2022, суратҷаласаи №10 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктороны илми филология Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур ва Сафаров Умархоҷа Раҳимович баррасӣ гардид. Аз суханронии довталаби дараҷаи илмӣ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва баррасии диссертатсия

**чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Убайди Зоконӣ аз ҷумлаи чеҳраҳои адабиест, ки бо осори манзуму мансур хазинаи таърихи адабиёти форсу тоҷикро ғановат бахшидаанд. Осори манзуми Убайди Зоконӣ аз қасида, ғазал, рубоӣ ва «Ушоқнома» иборат буда, аз ҷиҳати сабк баён аз шоирони муосираш тафовут дорад. Асарҳои мансури адиб, ки аз «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», рисолаи «Дилкушо», «Садпанд», «Даҳфасл», «Мактуби қаландарон» ва «Наводир-ул-амсол» иборатанд, ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаю хусусиятҳои ғоявӣ ва ҳам бо хусусиятҳои бадеӣ дар қиёс ба манзараи умумии густариши наср ба забони порсӣ дар асрҳои миёна мумтоз буда, аз намунаҳои марғуби муаррификунандаи шеваҳои махсуси насри бадеӣ маҳсуб меёбанд.

Масъалаҳои дар таҳқиқи диссертатсионии Ғаффорзода Ш.Ҳ. баррасишаванда, аз ҷумла, мақоми наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, вижагиҳои сохториву шаклӣ ва жанрии осори насрии адиб, таъйини хусусиёти мундариҷавии онҳо, вижагиҳои ҳаҷву мутоиба, танз, нақди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, оҳангҳои шиквоия, мухтассоти сабкӣ ва воситаҳои баёну тасвироти бадеӣ то ба ҳол аз ҷониби муҳаққиқонмавриди таҳқиқи монографӣ қарор нагирифтааст. Дар иртибот бар ин, сохтори ҳикоёт ва латоифи Убайди Зоконӣ, мухтассоти образҳо дар ҳикоёту латоифи вай, образҳои мушаххас ва маҷҳул, мусбат ва манфӣ, барҷаста ва бисёрамалкунанда, марҳалавиву лаҳзавӣ, чигунагии фаъолияти онҳо дар осори Убайди Зоконӣ, мақоми ҳикоёт ва вижагиҳои онҳо дар эҷодиёти адиб, анвои ҳикоёти ӯ аз рӯйи сохтору шакл, вобаста ба чигунагии тарзи тарҳрезии онҳо дар матн, луғатнигорӣ ҳамчун жанри бадеӣ дар осори Убайд,

хусусиятҳои сохториву мундариҷавии панду ҳикмат дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, ки дар таҳқиқоти мавриди назар ба онҳо таваҷҷуҳ шудааст, аз ҷумлаи **вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ** буда, ҳама **мубрам** буда, **аҳаммияти илмию амалӣ** махсус доранд.

**Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ** ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он ба таҳлилу баррасӣ гирифтани хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ мебошад. Агарчи Убайди Зоконӣ ҳам ба сифати шоир ва ҳам нависанда эътироф гардида, оид ба масъалаҳои гуногуни эҷодиёташ баҳсҳо сурат мегиранд, перомуни асарҳои мансури вай ба таври яклухту монографӣ таҳқиқ сурат нагирифтааст. Махсусан, баррасии масъалаи хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ, ки мақсади асосии таҳқиқ мебошад, то ҳол ба таври фарогир ба пажӯҳиши вижа фаро гирифта нашудааст.

Бо мақсади таҳқиқи комили мавзуъ дар диссертатсияи Ғаффорзода Ш.Ҳ. баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои зерин муҳимтарин **вазифаҳои таҳқиқ** арзёбӣ гардидаанд:

- таҳқиқ ва таъйини мақоми насри бадеӣ дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ;
- ҷустор перомуни таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ;
- баррасии осори насрии Убайди Зоконӣ аз назари мухтассоти жанрӣ;
- таҳқиқи масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои ғоявии осори мансури Убайди Зоконӣ;
- баррасии вижагиҳои ҳаҷву мутоиба дар асарҳои мансури адиб;
- баррасии танз ва мухтассоти он;
- таҳқиқи нақди иҷтимоӣ дар осори мансури Убайди Зоконӣ;
- таҳлили афкори дидактикии Убайди Зоконӣ;
- омӯзиши мазомини марбут ба шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгор дар асарҳои мансури адиб;
- таҳқиқи мухтассоти насри бадеии Убайди Зоконӣ аз ҷиҳати вижагиҳои бадеӣ;
- баррасии масъалаи эҷози сухан ва балоғати калом дар насри бадеии Убайди Зоконӣ;
- баррасии ҷузъиёти унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ дар насри бадеии Убайди Зоконӣ;
- омӯзишу баррасии масъалаҳои сабк ва тарзи баёни Убайди Зоконӣ дар асарҳои мансураш бо такя ба мухтассоти забонӣ ва фикрӣ;
- таҳқиқи насри бадеии Убайди Зоконӣ аз ҷиҳати воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки воқеан, дар илми адабиётшиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки ин диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи монографӣ дар мавзуи хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ буда, дар он масъалаҳои таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ, осори мансури Убайди Зоконӣ аз назари мухтассоти жанрӣ, хусусиятҳои ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Баррасии фарогири хусусиёти сабкии осори мансури Убайди Зоконӣ, ки бар асоси равиши ҷадиди шинохти сабки фардӣ анҷом шудааст, яке аз муҳимтарин навгониҳои илмӣ дар диссертатсия ба ҳисоб меравад. Дар иртибот ба ин масъала ва дар робита бо мабоҳиси хусусиятҳои забонӣ, фикрӣ ва адабӣ дар кор муҳимтарин ва назаррастарин вижагиҳои осори адиб, ба мисли таваҷҷуҳи зиёд ба нукоти таърихӣ, корбурди вожаҳо ва ифодаҳову таркибҳои халқӣ, воқеиятнигорӣ дар баёни матолиб, истифодаи вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ бо артикли арабии «ал», корбурди вожаҳои порсоёна ва хусусиёти онҳо, истифода аз вожаҳову ибороти харобогиву ғайрипорсоёна, вожаҳои номустаъмали арабӣ, феълҳои ноби форсӣ-тоҷикӣ дар тарҳбандии ҷумлаҳо, истифодаи муколама ва амсилаи шеърӣ дар матни ҳикоёт мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ин таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Баррасии масъалаҳои баҳсталаб, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу нақди ашъори шоирони ин давра, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Ғаффорзода Ш.Ҳ. перомуни масъалаҳои асосии матраҳшаванда ҷусторҳои илмии бисёрпаҳлу анҷом дода, бо далелҳои равшан муҳимтарин мухтассоти ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зокониро муайян кардааст.

Диссертатсия дар асоси **методҳои** муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, китобхонаӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ навишта шудааст.

**Арзиши назариии** диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои назарии матраҳшуда дар диссертатсия, мабоҳиси густардаи ҷузъҳои таркибии бобу фаслҳо ва равишҳои баррасии истифодашуда дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои убайдшиносӣ, асарҳои мансури адабии асримиёнагӣ,

хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, вижагиҳои жанрии осори мансур ва масъалаҳои сабку диди бадеию ҳунариро густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ оид ба наср дар эҷодиёти нависандагони ҷудогона саҳми муносиб хоҳад гузошт. Дастовардҳои илмие, ки дар рисола барои муайян кардани мавқеи наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, мухтассоти жанрии осори мансури адиб, вижагиҳои хусусиятҳои ғоявӣ, эъҷози сухан ва балоғати калом, унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, таъйини меъёрҳои шинохти сабки фардии нависанда ва дигар мабоҳиси асосӣ истифода шудаанд, барои ҳалли масъалаҳои ҳамгуни назарӣ ёрӣ расонида метавонанд.

**Арзиши амалии** диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи муаллиф дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик дар пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба мавқеи наср дар эҷодиёти адибон, насри адабии асримиёнагӣ, хусусиятҳои ғоявию бадеии асарҳои мансури дар алоқамандӣ ба коргоҳи эҷодии адибон арзиши муҳим доранд. Маводи рисола ва хулосаҳои бадастовардаи муаллифро дар вақти навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Убайди Зоконӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансур, таҳқиқи диди бадеии адибони асримиёнагӣ дар тасвири вазъи иҷтимоӣ дар ҷомеае, ки зиндагӣ ба сар бурдаанд, метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, маводи диссертатсия дар навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, курс ва семинарҳои махсус оид ба насри бадеии асримиёнагӣ дар мактабҳои олӣ қобили истифода аст.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Ғафforзода Шоҳрух Ҳабибуллоро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Ғафforзода Ш.Ҳ. дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва бароммади муқарризони холис – докторони илми филология Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур ва Сафаров Умархоҷа Раҳимович онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 20 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 10 аз 24.05.2022.

**Раиси шурои олимон,**
доктори илми филология — Сироҷиддини Эмомалӣ.

**Муқарризони холис:**
доктори илми филология, директори Китобхонаи маркази илмии ба номи Индира Гандии АМИТ — Суфизода Ш.З.

Доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Сафаров У.Р.

**Котиби илмии шуро,** дотсент — Мавлонзода Ш.

**Имзоҳои С. Эмомалӣ, Сафаров У.Р. ва Ш. Мавлонзодаро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«31» майи соли 2022.

**Имзои Ш. Суфизодаро тасдиқ мекунам:**
мудири шуъбаи кадрҳои КМИ АМИТ — Мусавирова Ш.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: 221-43-02;
E-mail: sufizadeh@gmail.com

«31» майи соли 2022.